**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи “Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои пурғановат ва қадимаи забонҳои эронӣ маҳсуб ёфта, дорои таркиби луғавии бою ғанӣ ва сохтори устувори дастурӣ мебошад. Забоншиносии тоҷик, дар омӯхтани лексикологияи забони тоҷикӣ то имрӯз ба дастовардҳои зиёде ноил гардидааст, ин аст, ки дар чанд соли охир илми забоншиносии тоҷик рушд карда истода, олимону муҳаққиқони тоҷик ба масъалаҳои муосири илми забоншиносӣ, аз ҷумла, этнолингвистика, ономастика (номшиносӣ), сотсиолингвистика, забоншиносии муқоисавӣ, матншиносӣ, калимасозӣ, диалектология (лаҳҷашиносӣ) ва ғайра машғуланд.

Илми лаҳҷашиносии тоҷик, як бахши бузурги илми шевашиносӣ маҳсуб меёбад, ки таърихи зиёда аз 150- сола дошта, то имрӯз дар қатори дигар бахшҳои таҳқиқшаванди забон, давра ба давра инкишоф ёфта истодааст.

Аз ин ҷост, ки диссертатсияи Муминова Сафарбегим саривақтӣ буда, муҳиммият ва навгонии он дар омӯхта шудани лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, бахусус водии Вахон ва ёфтани калимаҳои аслии тоҷикӣ, ки дар лаҳҷаҳои шарқии он то кунун дар шароити бандубаст, арзи вуҷуд доранд, то ҳол мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд.

Дар чоряки аввали асри гузашта диалектҳо, бавижа шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, диққати забоншиносони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб намуд, ки дар натиҷа чандин мақолаву асарҳои марбут ба гӯишҳо таълиф намуданд, ки таҳқиқотҳои А.З. Розенфелд, А.И. Болдирев, Ю.И. Богорад, И.И. Зарубин ва дигарон далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Мавриди қайд аст, ки доир ба шеваҳои ҷанубӣ, хусусан лаҳҷаҳои бадахшонии он тадқиқотҳои мутааддид сурат гирифта бошад ҳам, вале доир ба хусусиятҳои сохторӣ ва корбурди онҳо ҳанӯз пажуҳиши мукаммал ба миён наомадааст. Махсусан, гӯиши тоҷикии деҳоти водии Вахон, ки комилан дар иҳотаи забони вахонӣ қарор гирифта, вобаста ба муҳити лингвистӣ дорои вижагиҳое гардидааст, ки дар дигар гӯишҳои бадахшонӣ ва лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ ба назар намерасанд. Таҳқиқи комплексии хусусиёти савтӣ, луғавӣ ва дастурии ин гӯиш ба бисёр масъалаҳои ташаккул ва таҳаввули лаҳҷаҳои маҳалҳои тоҷикӣ равшанӣ мебахшад ва аз ин рӯ, пажуҳиши Муминова Сафарбегим Баҳриевна муҳим ва саривақтӣ дониста мешавад.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат буда, дар муқаддима зарурат, аҳаммияти назариву амалӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва чанд масъалаи дигар матраҳ шудааст.

Боби якум **“Таркиби луғавии лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон”** унвон дошта, фарогири се фасл мебошад, ки дар онҳо оид ба унсурҳои луғавии умумитоҷикии лаҳҷаи тоҷикони водии Вахон, калимаҳое, ки дар баробари умумияти овозӣ дорои маъниҳои махсус мебошанд ва умумияту тафовут аз лаҳҷаҳои дигари шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Аз таҳқиқоти муаллифи рисола маълум гардидааст, ки забони вахонӣ ба лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон таъсири чашмрас дошта, унсурҳои луғавии забони вахонӣ дар таркиби он нисбат ба гӯишҳои дигар корбурди бештар доранд.

Боби дувуми рисола **“Таснифоти маъноиву мавзуии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон”**, ки аз ду фасл иборат мебошад, калимаҳо аз рӯи ифодаи маъно ба гурӯҳхо дастбандӣ ва таҳлилу дадқиқ шудаанд.

Боби сеюми рисола **“Калимаҳои иқтибосӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон”** унвони гирифта, дар он калимаҳои таркиби лаҳҷаи мазкур аз ҷиҳати баромади забонӣ пажуҳишу баррасӣ гардидаанд. Мушоҳидаи ин боби рисола маълум менамояд, ки на танҳо забони адабӣ, балки шеваю лаҳҷаҳо низ наметавонанд аз таъсири забонҳои дигар барканор бошанд.

Дар қисмати хулоса натиҷа ва бардоштҳои муаллиф зимни пажуҳиш комплекси лаҳҷаи тоҷикони водии Вахон пешниҳод гардидааст, ки дорои заминаҳои қавии илмӣ буда, аз дидгоҳи фарохи муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Мусаллам аст, ки дар ҳар пажуҳиш баробари дастовардҳо баъзе камбудиву норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки дар ин маврид автореферати мазкурро наметавон мустасно шумурд. Дар қатори комёбиҳои зиёд, ки бозёфтҳои бевоситаи муаллиф маҳсуб мешаванд, чанд камбудӣ ба назар расид, ки зикри онҳо муҳим дониста мешавад.

1. Аз муҳтавои муқаддимаи диссертатсия, ки дар автореферат оварда шудааст, маълум мегардад, ки дар муқаддимаи диссертатсия маълумоти мухтасари таърихӣ дар бораи водии Вахон ва таҳқиқоти забоншиносии марбут ба лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон, оид ба таърихи таҳқиқи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон маълумоти кофӣ нест ва хуб мешуд, ки оянда ҳангоми таълифи монографияи илмӣ ин нукта ба инобат гирифта шавад.

2. Унсурҳои луғавии **толӣ** (то ҳол), **ибар** (ин сӯ), **убар** (он сӯ), **уқа** (он қадар), **ҳамиқа** (ҳамин қадар) дар (саҳ. 14), ки муаллиф инҳоро хоси шеваҳои

ҷанубӣ медонад, дар гӯиши мардумони саргаҳи Зарафшон низ доираи истифодаи васеъ доранд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои рисола хатоҳои техникиву услубӣ ва имлоӣ ба назар мерасад, ки онҳоро дар автореферат ишора намудем.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, автореферати диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи “Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон” арзиши баланди илмиро дорад ва муаллифи он шоистаи арзиши дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. Забони тоҷикӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забонҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Шафоатов А. Н.

Почтаи электронӣ: Shafoat56@mail.ru
Тел.: (+992) 985 07 44 19

Имзои Шафоатов Азал Нусратовичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи давлатии
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Расулов М.

Суроға: шаҳри Душанбе,
маҳаллаи Лучоб – 53, 734053
Тел.: 224-73-77;
“2”-юми сентябри соли 2023.